| № | Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи Кодекси экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
|---|---|---|
| 1 | Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Лоиҳаи Кодекси экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 2 | Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3 | Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад | Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ |
| 4 | Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 01.10.2025 |
| 5 | Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумхурии Тоҷикистон аз 10 апрели соли 2025 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур аз 11 апрел то 11 май соли 2025 гузаронида шуд. |
| 6 | Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз руйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи мазкур аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. |
| 7 | Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | Таҳия ва қабули қонуни сифатан нави пешрафта дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар шакли Кодекси экологӣ марҳилаи нав дар мураттабсозии қонунгузории экологӣ кори пуршараф ваояндадор буда, он ба сафарбар кардани қувва ва воситаҳои зеҳнӣ, ҷамъиятӣ, илмӣ ва касбӣ ниёз дорад. Ин ҳуҷҷат на танҳо барои наслҳои имрӯза, балки барои наслҳои оянда низ комёбии бузург маҳсуб хоҳад ёфт.<br>Имрӯз қонунгузории соҳаи экологӣ ҳаҷман хеле калон шуда, масъалаи татбиқи он мубрам шудааст. Бо дарназардошти зиёд будани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ба самтҳои гуногун инкишоф ёфтани қонунгузории соҳаҳои алоҳидаи ҳифзи муҳити зист, риоя нашудани |

| | | |
|---|---|---|
| | | принсипи қонунэҷодкунӣ аз лиҳози ягонагии низоми экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) мухолифат ва норасоиҳоро дар қонунгузории соҳа ба вуҷуд овардаанд.<br>Сарфи назар аз ташаккули зуҳуроти калони ҳуқуқӣ ва корҳои зиёди анҷомёфта раванди ташаккули қонунгузории экологӣ то ҳол анҷом наёфта, такмили хоссаро талаб мекунад.<br>Барои ин пеш аз ҳама зарур аст, ки дар баробари самтнокӣ ва диққат ба хусусиятҳои ҳар як соҳаи экологӣ, ба масъалаҳои ҳамоҳангӣ, ҳамкорӣ ва аз лиҳози принсипи ягонагии низоми экологии ҶТ муносибат намудан диққат дода шавад.<br>Таҷдиди назар ба қонунгузории соҳаи экологӣ имрӯз ногузир буда, амалишавии ҳарчи зудтари он барои пешрафти иқтисодиёти кишвар ва мустаҳкамгардии сиёсати ҳифзи муҳити зисти кишвар аҳаммияти калон дорад. Бинобар ин, сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишвар ба ин масъала равона шудааст. Ин аст, ки дар сатҳи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии мамлакат (консепсия, стратегия ва барнома) бахри танзими муфассали муносибатҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист масъалаи таҳия ва қабули Кодекси экологӣ бевосита пешбинӣ гардидааст.<br>Мақсади кодификатсия ин бартараф намудани номутобиқатӣ ва кам намудани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳаммонанд мебошанд. Азбаски муносибатҳо вобаста ба ҳифзи муҳити зист мураккаб ва гуногунтаркиб мебошанд, қонунгузории экологӣ аз меъёрҳои қонунҳои гуногун иборат мебошад. Таҷдиди назар ба қонунгузории соҳаи экологӣ имрӯз ногузир буда, амалишавии саривақтии он барои пешрафти иқтисодиёти кишвар ва мустаҳкамгардии сиёсати ҳифзи муҳити зисти мамлакат аҳаммияти калон дорад. |
| 8 | Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Тибқи сархати 5 банди 12 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ гардидааст, яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқии ҶТ-ро такмили қонунгузории ҶТ бо дарназардошти |

| | | |
|---|---|---|
| | | васеъ гардидани доираи муносибатҳои ҷамъиятии моҳиятан ҳаммонанд, ки бо қонунҳо танзим меёбанд ва бояд дар оянда бо тадриҷ кодификатсия карда шаванд, ташкил медиҳад.<br>Инчунин, тибқи банди 862 Барномаи миёнамуҳлати рушди ҶТ барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 апрели соли 2021, №168 тасдиқ шудааст, масъалаи дақиқ муайян намудани вазифаҳо ва ваколатҳо, инчунин таъмини ҳамоҳангсозии амалҳои мақомоти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист тавассути таҳия ва қабули Кодекси экологии ҶТ пешбинӣ гардидааст.<br>Дар банди 4.5. Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст, «таҳия ва паҳнкунии Кодекси экологӣ, механизмҳои мутобиқат ба тағйирёбии иқлим бо васеъ намудани ҳамкориҳои байналхалқӣ дар ин самт» пешбинӣ гардидааст. Бояд гуфт, ки нақши муҳимми Стратегияи мазкур дар он ифода меёбад, ки дар он ба зарурати қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии нави кишвар, аз ҷумла, қабули санадҳои кодификатсионӣ (яъне кодексҳо) заминагузорӣ карда шудааст. Дар Стратегияи болозикр дар самти ҳифзи муҳити зист зарурати таҳия ва паҳнкунии Кодекси экологӣ пешбинӣ гардидааст.<br>Ҳамзамон, бояд таъкид дошт, ки тибқи банди 32 Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории ҶТ, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 19 феврали соли 2011, №1021 тасдиқ шуда буд, бо мақсади таъмини ҳифзи муҳити зист, инчунин иҷрои шартномаҳои байналмилалии ҶТ оид ба ин масъала таҳия ва қабули Кодекси экологии ҶТ зарур шуморида шудааст.<br>Инчунин, банди 17 Барномаи давлатии экологии ҶТ барои солҳои 2023-2028, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 марти соли 2023, №53 тасдиқ гардидааст, такмил додани таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зистро муқаррар намудааст. |

| | | |
|---|---|---|
| | | Чунин ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатӣ зарурат ва аҳаммияту мавқеи Кодекси экологиро дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар баҳри танзими муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар шароити буҳрони экологӣ ва рушди низоми қонунгузорӣ муайян намудаанд. |
| 9 | Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Лоиҳаи Кодекси мазкур аз қисми умумӣ ва махсус, 40 боб ва 584 модда иборат буда, муносибатҳоро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист танзим намуда, ба ҳифз ва истифодаи самаранок, мақсаднок, оқилонаи захираҳои табиӣ равона гардида, таъмини ҳифзи муҳити зист, амнияти экологӣ, рушди устувор ва кафолати ҳимояи ҳуқуқҳои табиатистифодабарандагонро муайян менамояд.<br>Лоиҳаи Кодекси мазкур бо дарназардошти таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва таҷрибаи қонунгузории ҷумҳурӣ доир ба соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самаранок, мақсаднок, оқилонаи захираҳои табиӣ таҳия гардидааст.<br>Дар лоиҳа чораҳои зерин пешбинӣ гардидааст:<br>1) Идоракунии давлатӣ дар соҳаи экологӣ;<br>2) Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои экологии шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист;<br>3) Назорат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист;<br>4) Иттилооти экологӣ;<br>5) Экспертизаи экологӣ;<br>6) Арзёбии экологӣ;<br>7) Аудити экологӣ;<br>8) Мониторинги экологӣ<br>9) Маърифати экологӣ;<br>10) Талаботи экологӣ оид ба ҳифз ва истифодаи замин;<br>11) Талаботи экологӣ оид ба ҳифз ва истифодаи ҷангал;<br>12) Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда;<br>13) Олами набототот;<br>14) Олами ҳайвонот;<br>15) Шикор ва хоҷагии шикор;<br>16) муомилот бо партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ;<br>17) Ҳифзи ҳавои атмосфера;<br>18) Фаъолияти обуҳавошиносӣ; |

| | | |
|---|---|---|
| | | 19) Ҳифзи пиряххо ва ғ. |
| 10 | Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилои баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Лоиҳаи Кодекси мазкур барои танзим намудани муносибатҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, ҳифз ва истифодаи самаранок, мақсаднок, оқилонаи захираҳои табиӣ равона гардида, таъмини ҳифзи муҳити зист, амнияти экологӣ, рушди устувор ва кафолати ҳимояи ҳуқуқҳои табиатистифодабарандагонро муайян менамояд.<br>Бо мақсади таҳияи лоиҳаи мазкур фаҳмондадиҳи миёни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар муносибатҳои мазкур иштирок менамоянд гузаронида шудааст. |
| 11 | Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Лоиҳаи Кодекси мазкур аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузориро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>- бартараф намудани номутобиқатӣ:<br>- кам намудани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳаммонанд;<br>- мустаҳкамгардии сиёсати ҳифзи муҳити зист;<br>- муратта бсозии қонунгузории экологӣ;<br>- сафарбар кардани қувва ва воситаҳои зеҳнӣ, ҷамъиятӣ, илмӣ ва касбӣ;<br>- иҷрои шартномаҳои байналмилалии ҶТ.<br>Оқибатҳои иқдисодии лоиҳаи мазкур:<br>- пешрафти иқтисодиёти кишвар;<br>- гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ;<br>- гузариш ба иқтисоди «сабз», рақамикунонӣ. |
| 12 | Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва давлат ҳифз мегардад. |
| 13 | Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | Сентябри соли 2025 |